# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқ буда, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои методологии педагогика, таърихи педагогика ва таҳсилот, этнопедагогика, педагогикаи муқоисавӣ, омӯзиши антропологияи педагогӣ ва ояндабинии педагогиро дар бар мегирад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни дарсҳои забони англись баррасӣ кардааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид кардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва дунявӣ барои ҳифзи арзишҳои маънавӣ ва тарбияи насли муосир ҳадафҳои муҳимме дорад. Мувофиқи Консепсияи миллии тарбия риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва гуманизм – эҳтироми инсон ва муҳити ӯ – ҳадафи асосии тарбия мебошанд. Тарбияи шаҳрвандӣ мафҳумҳои дӯстдоштани Ватанро ифода карда, масъалаи тарбияи ахлоқӣ дар сиёсати давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи буда, рушди маънавии донишҷӯён, аз ҷумла тавассути омӯзиши забонҳои хориҷӣ, омили муҳимми тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб арзёбӣ мешавад.

Дар Паёми Президент таъкид гардидааст, ки дар шароити васеъшавии ҳамкориҳои байналмилалӣ талабот ба мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ, хусусан забонҳои русӣ ва англисӣ, зиёд мегардад. Аз ин рӯ, тайёр намудани чунин мутахассисон дар дохили ҷумҳурӣ зарур аст.

Унвонҷӯ хеле бомаврид ва дуруст таъкид кардааст, ки дар марҳилаи кунунӣ тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврасу ҷавон аҳамияти муҳим дошта, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти бомаърифат мусоидат менамояд. Барои рушди инсонии дорои маънавиёти ғанӣ ва ахлоқи баланд омӯзиши дастовардҳои маънавии халқҳои ҷаҳон тавассути забонҳои хориҷӣ муҳим аст. Таълими забони хориҷӣ дар ҳамроҳ шудан ба равандҳои ҷаҳонӣ ва дастрасӣ ба технологияи пешқадам нақши муассир дорад. Ҷомеаҳои пешрафта ба беҳтар кардани сифати таълим ва омӯзиши забонҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

Азбаски дар Тоҷикистони муосир масъалаи тарбияи ахлоқии ҷавонон муҳим аст, муассисаҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, дар таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён нақши калон бозида метавонанд.

Таҳлилилу баррасии таҳқиқот оид ба ин мавзуъ нишон медиҳанд, ки масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудааст, аммо дар шароити имрӯза беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ қарор гирифтааст.

Хулоса, аз як ҷониб, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда далолат карда, аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбонро асоснок менамоянд.

***Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.*** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки мавзуи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ дар шакли алоҳида ва мушаххас аввалин бор мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда, асосҳои илмии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ ошкор карда шуданд, робитаи мустақим миёни камолоти маънавӣ-ахлоқӣ ва дараҷаи таҳсилот муқаррар гардида, собит карда шудааст, ки таҳсилот омили асосии ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, муайян карда шудааст, ки нақши омӯзгор дар ин раванд муҳим ва асосӣ буда, омӯзиши забони англисӣ дунёи навро барои донишҷӯ боз мекунад ва ба ғанӣ гардонидани дониши ӯ дар бораи олам ва инсон мусоидат менамояд. Дар ин росто, маълум карда удааст, ки омӯзиши забони англисӣ, ҳамчун фанни таълимӣ, имкониятҳои фаровонро барои ташаккули шуури илмӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва васеъ намудани ҷаҳонбинии донишҷӯён фароҳам меорад.

Илова ба ин, муаллифи диссертатсия ошкор кардааст, ки норасоии маводи таълимӣ (китоб, барномаи таълим, маводи айёнӣ, васоити техникӣ) ва таваҷҷӯҳи нокифояи омӯзгорон ба ин самт боиси паст шудани шавқу завқи донишҷӯён гардидааст.

Нуктаҳои асосие, ки аз ҷониби довталаб ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд. Зеро ба таъкиди муаллифи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили масъалаи тарбияи маънавию ахлоқӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии ташаккули тафаккури ахлоқӣ ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ собит намудааст, ки таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии ҷавонони донишҷӯй мусоидат намуда, дар ин раванд нақши муассир мегузорад. Шароити муосир тарбияи маънавию ахлоқии ҷавононро бо методологияи нав тақозо мекунад. Навгониҳои илму технология тафаккури ҷавононро тағйир дода, арзишҳои ахлоқӣ коҳиш меёбанд, аз ин рӯ тарбияи одами эҷодкор ва дорои ахлоқи баланд зарур аст.

Нуктаҳои дигаре, ки довталаб ба ҳимоя пешниҳод кардааст, асоси воқеӣ доранд, зеро дар шароити кунунӣ тарбия бе арзишҳои иҷтимоӣ ва эстетикӣ нокомил буда, шахсияти донишҷӯ дар раванди фаъолият ташаккул меёбад, ки он ба меъёрҳои маънавию ахлоқӣ робитаи зич дорад ва ҷавононро ба масъулиятшиносию ватанпарастӣ равона мекунад, кори тарбиявӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ қисми ҷудонопазири таълиму тарбия буда, корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ аҳамияти муҳим пайдо карда, ба ташаккули дониш ва ахлоқи донишҷӯён мусоидат мекунад.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он исбот мешавад, ки:

- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти мавҷуда асос ёфтаанд. Ин таҳлил бо истифода аз нуктаҳои назари таҳқиқоти бунёдии психологию педагогӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ба таври мукаммал дарки масъала ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам меорад;

- барои таҳқиқот маҷмӯи усулҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар истифода шудаанд, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Ин

усулҳо ҳам методҳои арзёбии сифатӣ ва ҳам миқдориро дар бар мегиранд, ки имкон медиҳанд маълумот аз ҷанбаҳои гуногун омӯхта шавад. Шарҳу тафсири дақиқи маълумот эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунад;

- натиҷаҳои бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад. Ҷорӣ намудан дар амал барои муайян намудани мутобиқати натиҷаҳо ба шароити воқеӣ ва имкони татбиқи онҳо мусоидат мекунад;

- хулосаҳои пешниҳодшуда дар заминаи таҳия ва татбиқи гунаи сифатан нави озмоишии фаъолияти педагогӣ ба даст омадаанд. Ин гунаи озмоишӣ имкон медиҳад, ки равандҳои таълимӣ ва тарбиявӣ аз диди нав омӯхта шаванд ва ба ин васила, ба хулосаҳои тозае оварда расонанд;

- навгонии илмӣ, ҳамчунин, дар тасвияти хулосаҳои мубрам ва мувофиқати онҳо ба шароити воқеии таълим зоҳир мегардад. Хулосаҳо на танҳо арзиши назариявӣ доранд, балки ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯ мебошанд ва барои беҳтар намудани сифати таълим мусоидат мекунанд;

- таҳқиқот аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки он ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст. Илова бар ин, таҳқиқот дар асоси гунаи нави озмоишӣ гузаронида шуда, хулосаҳои мубрам ва мувофиқ ба шароити воқеиро пешниҳод менамояд.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.*** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд. Асосҳои методологӣ, марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд. Довталаб талош варзидааст, ки тамоми таҳқиқоти пешинро, ки ба мавзуи мавриди баррасӣ иртибот доранд, ҷудогона тасниф намуда, муҳтавои онҳо ва мавқеи ҳар як пажуҳишро дар робита ба масъалаи таҳқиқ муайян созад.

Боби аввали кори диссертатсионӣ “Ҷанбаҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” ном дошта, он аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, тафаккури ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии донишҷӯй ҳамчун объекти ҷараёни

таълиму тарбия ва нақши шахсияти омӯзгори забони англисӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯён бахшида шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба таҳқиқи масъалаи тарбияи ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми маънавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон равона сохта, заминаҳои онро дар осори мутафаккирони замони қадим, асрҳои миёна ва то замони муосир мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Зикр мегардад, ки масъалаи ахлоқ чи дар мамлакати мо ва чи дар хориҷа мавриди таҳқиқи олимону донишмандон қарор гирифтааст. Вобаста ба муҳим ва фарогир буданаш, мавзуи мазкур дар доираи илмҳои фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ баррасӣ шуда, ҳамчунин, дар замони рушди илму фалсафа дар кишварҳои аврупоӣ то аввали асри XX ва дар давраи шуравӣ низ дар ин самт тадқиқотҳои муҳим анҷом дода шуда, асарҳои зиёд нашр гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия – “Мазмун ва технологияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ” - масъалаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ, китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ ҳамчун омили муҳимми тарбияи маънавю ахлоқии донишҷӯён, арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни корҳои мустақилона ва берун аз дарсӣ оид ба забони англисӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши баргузоркардаи довталаб хеле арзишманд аст. Муаллиф қисми озмоишии таҳқиқотро бо расм, диаграмма ва ҷадвалҳо ғанӣ гардонидааст, ки бисёр аҳаммиятнок буда, натиҷаи корҳои озмоиширо ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулосаи умумӣ аз 8 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд. Диссертант Қурбонзода Навбаҳор ба хулосае омадааст, ки имрӯз зарурате пеш омадааст, то ки тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон аз ҷиҳати назария ва методологияи рушд ба таври амиқ дарк карда шуда, барои дар дар амал татбиқ намудани он аҳамияи аввалиндараҷа дода шавад. Рушди технологӣ ба он оварда расонидааст, ки одамон дар бораи такмили рӯҳонӣ фикр намекунанд ва ҷанбаи ахлоқии амалҳо камтар мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад. Чунин зуҳуроти ахлоқ монанди дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва ғайра, мутаассифона, аз мадди назар дур мемонанд. Зарурат ба тарбияи одами дорои маънавиёти ғанӣ, ахлоқи баланд, ки қобилияти на танҳо истеъмол кардан, балки эҷод кардан кардан ҳам дошта бошад, рӯз аз рӯз меафзояд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон додааст, ки самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ба таври озмоишӣ санҷида шавад.

***Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.*** Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Қурбозода Навбаҳор дар он аст, ки он ба усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ (дидактикаи мушаххас) мусоидат мекунад ва ҳадафҳои онро берун аз салоҳиятҳои муоширатӣ ва забонӣ васеъ мекунад. Он амсилаи ҳамгироии "таълими забон + тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ"-ро асоснок мекунад. Диссертатсия усулу технологияҳо ва меъёрҳои мушаххасро барои арзёбии самаранокии рушди маънавӣ ва ахлоқӣ дар доираи фанни "Забони англисӣ", самаранокии онҳо тасвиб шудааст, пешниҳод менамояд. Ин барои таҳқиқоти минбаъдаи таҷрибавӣ дар ин самт замина фароҳам меорад. Таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар донишҳоро аз педагогика, психология (рушди ахлоқӣ), омӯзиши фарҳангӣ, забоншиносӣ ва методология муттаҳид карда, имкониятҳои навро барои фанҳои дигар нишон медиҳад.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки барои омӯзгорони забони англисии таҳсилоти миёнаи касбӣ тавсияҳои методӣ, нақшаҳои дарс ва мавзуъҳои навро пешниҳод кардааст. Воситаҳоро барои арзёбии на танҳо малакаҳои забонии донишҷӯён, балки низоми арзишҳои онҳо низ пешниҳод мекунад. Роҳҳои мушаххаси татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз нигоҳи ҷузъи таълимӣ ва рушди салоҳиятҳои умумӣ, бахусус онҳое, ки ба кори дастаҷамъона, масъулияти иҷтимоӣ ва иштироки шаҳрвандӣ алоқамананд, пешниҳод мекунад. Барои такмили ихтисоси омӯзгорон замина фароҳам оварда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд асос барои коркарди васоити таълимии махсус, маҷмӯаҳои матнҳо ва супоришҳои лоиҳавӣ барои низоми таҳсилоти олии касбӣ бо самти мушаххаси арзишӣ гарданд.

Аҳамияти иқтисодии диссертатсия дар он аст, ки дар хатмкунандаи таҳсилоти олии касбӣ "малакаҳои нарм"-и рушдёфта - масъулият, ростқавлӣ, кори дастаҷамъона, интизоми меҳнат, даст назадан низоъ ва фаъолиятҳои нодурусти корӣ ташаккул меёбад. Муассисаи таълимие, ки барномаҳои инноватсионии таълимиро амалӣ мекунад, барои довталабон ва волидони онҳо ҷолибтар мегардад, ки ин ба рақобатпазирии он дар бозори хидматрасонии таълимӣ мустақиман таъсир мерасонад. Ҳамгироии барномаҳои тарбиявӣ бо машғулиятҳои мавҷуда (бе эҷоди инфрасохтори алоҳида) як технологияи

сарфакунандаи захираҳо мебошад, ки имкон медиҳад, ба ҳадафҳои таълимӣ бе сармоягузории назарраси иловагии молиявӣ ноил шуд.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки ҳадафи таҳқиқот на танҳо тарбияи "мутахассисон"-и соҳибкасб, балки шаҳрвандон ва мутахассисони бомаърифат ва боахлоқ мебошад, ки оқибати амалҳои худро дарк мекунанд. Тавассути забони англисӣ, донишҷӯён низомҳои гуногуни фарҳангӣ ва арзишҳоро ба таври интиқодӣ дарк мекунанд, ки ин ба рушди салоҳиятҳои байнифарҳангии онҳо мусоидат мекунад. Рушди маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯён тасаввуроти ҷамъиятиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ тағйир дода, онро ҳамчун низоме тасвир мекунад, ки он на танҳо мутахассис, балки инсони комилро низ тарбия мекунад.

Хулоса, диссертатсия дорои аҳамияти низом созӣ буда, он на танҳо ба як ҳадафи мушаххаси таълимӣ дахл мекунад, балки пешниҳод мекунад, ки чӣ гуна дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ арзишҳои асосии ахлоқиро ҳифз ва интиқол дода, онҳоро ба раванди тарбияи мутахассисони рақобатпазир ва масъулияти иҷтимоидошта ворид кардан мумкин аст.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 13 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Мутмаинона метавон изҳор дошт, ки маводи нашрнамудаи диссертант меҳвари аслӣ, натиҷаҳо ва мундариҷаи комили диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи ин мавзуи муҳим ва қобили аҳаммияти илмӣ собит месозад.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия***. Диссертатсия ва автореферати Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" тибқи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ба расмият доваварда шуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар автореферат мубрамӣ ва мақсади кор муайян гардидааст; методҳои таҳлили назариявӣ тавсиф гардидаанд; навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва

амалии натиҷаҳои ҳосилшуда асоснок гардидаанд; нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод гардидаанд; сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, мухтавои мухтасари бобҳо, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот тавсиф гардидаанд. Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия ба дараҷаи кофӣ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

***Камбудӣ ва эродҳо.*** Бо вуҷуди баҳои мусбат, ки дар тақриз баён гардидааст, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҳалатҳои техникӣ, имлоӣ, грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1) Дар баёни мубрамияти мавзуъ шарҳи муфассал оварда шуда бошад ҳам, вале нишон дода нашудааст, ки оё дар барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии забони англисии мавҷуда маводи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нгаронидашуда мавҷуданд ё на? Ё омӯзгорони ояндаи забони англисӣ барои ин вазифа чӣ гуна омода карда мешаванд? Ин нуктаҳои амалӣ метавонистанд ҷанбаи воқеиву амалии мубрамияти мавзуъро ба таври густурдатар нишон диҳанд.

2) Таҳқиқоти озмоишӣ асосан тавассути суҳбату пурсиш ва саволгузорӣ баргузор карда шуда, тенологияҳои муосири ташкилу баргузории марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ қариб ки мавриди истифода қарор дода нашудаанд. Бисён хуб мебуд, агар довталаби дараҷаи илмӣ барнома ё амсилаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисиро коркард ва мавриди тасвибу озмоиш қарор медод ва аз он аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дучанд меафзуд.

4) Дар баёни фарзияи таҳқиқот як қатор шароитҳо пешниҳод шудаанд, ки иҷрои онҳо ба тарбияи муассири маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, барои тақвияти фарзия, зарур буд, ки механизмҳои таъсири шароитҳои пешниҳодшуда ба раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ тавсиф карда мешуданд.

5) Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, грамматикӣ, мантиқӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати диссертатсия ва автореферати он мусоидат хоҳанд кард.

Албатта, ин ҳама камбудиҳои мазкур ҳаргиз ба арзишу аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд. Боэътимод метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон ба яке аз мавзуоти муҳим ва қобили аҳаммияти педагогикаи миллӣ бахшида шуда, ҳадафҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:** доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба
номи Садриддин Айнӣ» Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна

«1» 04. соли 2026.

Суроға: 7334003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел. +992 2348802, +992919659895;
Суроғаи электронӣ: zarinasayfulloeva206@gmail.com

Имзои Сайфуллоева Зарина Хайруллоевнаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.